Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**Тақриз**
**ба автореферати диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзӯи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ**

Рушдиояндаи мамлакат ва таъмин намудани пешрафти соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятии кишвар аз рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва низоми иттилоотӣ вобастагии зиёд дорад. Ҳарчанд дар мамлакат, айни замон, заминаҳои ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ ба вуҷуд оварда шуда бошанд ҳам, лекин нокифоя будани мутахассисон, дар сатҳи паст қарор доштани истифодабарии шабакаи интернет ва аз ҳама муҳим, то ҳанӯз вуҷуд надоштани низомҳои иттилоотии соҳавӣ, мушкилиҳое мебошанд, ки дар ояндаи наздик бояд ҳаллу фасл гарданд. Дар алоқамандӣ бо чунин зарурият омӯзиши паҳлуҳои гуногуни ҷомеаи иттилоотӣ, муайян намудани хусусиятҳои хосси он, илман асоснок намудани қонуниятҳои ташаккулёбии он яке аз самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ маҳсуб меёбанд. Масъалаи мазкур дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳанӯз мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода нашудааст. Муҳиммияти омӯзиши мавзӯъ низ бо чунин шарҳ асоснок карда мешавад.

Воқеан ҳам дар диссертатсияи мазкур бори аввал дар илмҳои сиёсии ватанӣ масъалаи ҷомеаи иттилоотӣ, хусусиятҳои хоси он ва раванди ташаккулёбии ин навъи ҷомеа мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот ва маводи диссертатсияро дар раванди таълими фанҳои сиёсатшиносӣ, амнияти миллӣ, амнияти иттилоотӣ, ҷомеашиносӣ ва монанди инҳо метавон истифода бурд. Инчунин маводи диссертатсия барои таҳияи китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълимии фанҳои зикргардида низ метавонанд истифода гарданд.

Хулосаҳои диссертатсия ва тавсияҳои амалии муаллиф метавонанд аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шаванд. Хулосаҳои таҳқиқоти мазкурро дар самти таҳияи барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ истифода намудан мумкин аст.

Саҳми шахсии унвонҷӯи дараҷаи илмӣ дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ ифода меёбад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба шумор меравад.

Боби якуми диссертатсия ба таҳқиқи асосҳои илмию назариявӣ ва хусусиятҳои консептуалии масъалаи ҷомеаи иттилоотӣ бахшида шуда, дар он бо дарназардошти мазмуну муҳтавои консепсияҳои классикӣ ва дар заминаи таҳлили назарияҳои илмии замони муосир мафҳум ва моҳияти ҷомеаи иттилоотӣ нишон дода шуда, нишонаҳо ва хусусиятҳои муҳимми ин навъи ҷомеа муайян гардида, заминаҳои рушду инкишофи он мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Зербоби аввали боби якум бевосита ба омӯзиши хусусиятҳои умумӣ ва мазмуну муҳтавои асосии ҷомеаи иттилоотӣ бахшида шуда, дар доираи ин зербоб таҳқиқоти дар ин соҳа анҷомёфта ва ба масъалаи мазкур бахшидашуда баррасӣ гардидаанд.

Дар таҳқиқоти мазкур қайд мегардад, ки дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI як қатор олимону муҳаққиқон вобаста ба рушду инкишофи ҷомеаҳои мутамаддин ва инчунин дар бораи ояндаи ҷомеаҳои мазкур андешаронӣ намуда, дар доираи таҳқиқоти худ консепсияҳои гуногуни илмиро ташаккул додаанд. Дар миёни онҳо консепсияи ҷомеаи иттилоотӣ мавқеи марказиро ишғол намуда, паҳлуҳои гуногун ва хусусиятҳои муҳимми ҷомеаҳои мутамаддинро ифода менамояд.

Зербоби дуюми боби якум ба омӯзиши раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ, қонуниятҳо, заминаҳои рушду инкишофи он ва хусусиятҳои муҳимми ин раванд бахшида шудааст. Дар ин қисми диссертатсия қайд мегардад, ки рушди ҷомеаи иттилоотӣ бо рушди телекоммуникатсия ва технологияҳои иттилоотӣ робитаи қавӣ дорад, аммо дар баробари ин рушди соҳаҳои дигар ва махсусан сиёсати давлатӣ дар ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ нақши ҳалкунанда мебозанд.

Боби дуюми диссертатсия ба омӯзиши сиёсати иттилоотонии давлат, барномаҳо ва стратегияҳои иттилоотию сиёсии давлат, таҷрибаи давлатҳои тараққикарда ва созмонҳои байналмилалӣ ҷиҳати рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, истифодаи ТИК дар раванди идоракунии давлатӣ ва ташаккулёбии ҳукумати электронӣ бахшида шудааст.

Зербоби якуми боби дуюм ба таҳлилу баррасии сиёсати иттилоотонии давлат ва барномаҳои давлатии дар соҳа қабулгардида бахшида шуда, дар он дар заминаи таҳлили муқоисавӣ муваффақиятҳои давлатҳои пешрафтаи олам

дар самти ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ нишон дода шудаанд. Дар таҳқиқоти мазкур қайд мегардад, ки давлат метавонад дар раванди тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши меҳвариро ишғол намояд ва рафтори субъектҳои гуногуни ҷомеаро ба танзим дароварда, базаи меъёрию ҳуқуқиеро ташаккул диҳад, ки ҳамаи иқтидори мавҷударо барои таъмини рушди ҷомеа ва рушди инсон равона созад. Чунин самти фаъолият аз сиёсати иттилоотӣ ва ё сиёсати иттилоотонӣ дида миқёси васеътарро фаро мегирад. Аммо сиёсати иттилоотонии давлат метавонад то дараҷаи зарурӣ рушду инкишофи ҷомеаи иттилоотиро таъмин намояд.

Зербоби дуюми боби дуюм ба омӯзиши консепсияҳои нави идоракунии давлатӣ бахшида шуда, дар он самаранокии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди идоракунии давлатӣ нишон дода шудааст. Дар таҳқиқоти мазкур таъкид мегардад, ки дар ибтидои асри XX дар ташкили идоракунии давлатӣ назарияи ратсионалию бюрократӣ афзалияти бештар дошт.

Дар боби сеюми диссертатсия раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаббусҳои Ҳукумати мамлакат ҷиҳати самаранок истифода намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, мушкилот ва дурнамои рушди ҳукумати электронӣ ва ҷомеаи иттилоотии мамлакат мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар зербоби аввали боби сеюм заминаҳои меъёрию ҳуқуқии ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ ва татбиқи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар заминаи онҳо зарурият ва муҳиммияти ташаккулёбии ин навъи ҷомеа барои Тоҷикистон асоснок карда шудаанд.

Дар автореферат тавсияҳои муаллиф пешниҳод гардидаанд, ки онҳо барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва дар маҷмӯъ, барои истифодаи иқтидори технологияҳои мазкур ҷиҳати таъмини рушди соҳаҳаои гуногуни мамлакат нигаронида шудаанд.

Дар таҳқиқоти мазкур ҳарчанд ба масъалаи ташаккулёбии ҳукумати электронӣ таваҷҷуҳ зоҳир гардида бошад ҳам, хуб мебуд, ки онро дар доираи як параграфи алоҳида таҳқиқ менамуд. Аз ин рӯ, ба унвонҷӯ тавсия мегардад, ки дар таҳқиқоти минбаъдаи худ ин паҳлуи масъаларо низ ба инобат гирифта, ташаккули ҳукумати электронӣ дар Тоҷикистонро боз ҳам муфассалтар омӯзад.

Ҳамин тариқ, дар таҳқиқоти Таваров Д.С. яке аз масъалаҳои муҳимтарини замони муосир мавриди омӯзиш қарор дода шудааст, ки он барои таъмини рушди ҷомеаи иттилоотӣ, ташаккули сиёсати иттилоотонии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушду инкишофи ҳукумати электронӣ ва таҳлилу таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни он аҳамиятнок мебошад. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар

мақолаҳои илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда нашр шудаанд, чоп гардидааст. Автореферат ва мақолаҳои илмии муаллиф мундариҷаи асосии таҳқиқотро дар бар мегиранд. Мавзӯи интихобшуда, мазмуну мундариҷаи диссертатсия, методҳои истифодашуда бо ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мувофиқат менамояд. Дар маҷмӯъ, гуфтан мумкин аст, ки таҳқиқоти Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзӯи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ пешниҳод шудааст, кори илмии мукаммал ва анҷомёфта мебошад. Мақсаде, ки дар назди муаллиф гузошта шудааст, пурра амалӣ гардидааст. Чунин ҳолатро аз хулосаҳои илман асоснокшудаи таҳқиқот ва фарзияҳои ӯ мушоҳида намудан мумкин аст. Аз ин рӯ, муаллифи таҳқиқоти мазкур Таваров Дилшодҷон Саидмуродович сазвори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ мебошад.

**Номзади илмҳои сиёсӣ,**
**муаллими калони кафедраи**
**равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Абилов С.А.**

**Имзои Абилов С.А.-ро тасдиқ менамоям.**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ**
**Тавқиев Э.** ____________________

**Суроға:**
**734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш.Душанбе, хиёбони Рӯдаки, 17.**
**Тел.: +992 555511418**
**E-mail: sobir-abilov@mail.ru**